**аз 12.10.2022, №19-ф**

Дар бораи Тартиби пешбурд ва шартҳои махсус
барои иҷрои уҳдадориҳои андозие, ки дар
муҳлатҳои муқарраршуда иҷро нашудаанд

070.030.010.

Мутобиқи қисми 4 моддаи 106 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби пешбурд ва шартҳои махсус барои иҷрои уҳдадориҳои андозие, ки дар муҳлатҳои муқарраршуда иҷро нашудаанд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани фармоиши мазкур чораҷӯйӣ намояд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Раис Нусратулло Давлатзода

Тартиби
пешбурд ва шартҳои махсус барои иҷрои уҳдадориҳои андозие, ки дар муҳлатҳои муқарраршуда иҷро нашудаанд

Тартиби
пешбурд ва шартҳои махсус барои иҷрои уҳдадориҳои андозие, ки дар муҳлатҳои муқарраршуда иҷро нашудаанд

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби пешбурд ва шартҳои махсус барои иҷрои уҳдадориҳои андозие, ки дар муҳлатҳои муқарраршуда иҷро нашудаанд (минбаъд – Тартиб), тартиби пешбурд ва шартҳои махсус барои иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ва баҳисобгирии қарзҳои андозии мушкилситонро муайян менамояд.

2. Мақомоти андоз уҳдадор аст тамоми чораҳои маҷбуран ситонидан ва усулҳои таъмини иҷрои уҳдадории андозиро, ки дар бобҳои 16-18 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кодекси андоз) муқаррар шудаанд, то пешниҳоди мавод (парвандаи назоратӣ) вобаста ба мушкилситон эътироф намудани маблағи қарзи андозҳо, татбиқ намояд.

3. Пешбурди баҳисобгирии қарзҳои андози мушкилситон аз ҷониби мақомоти андоз бо роҳи пешбурди ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда (агенти андоз) ва дар алоҳидагӣ ба ҳисоб гирифтани онҳо анҷом дода мешавад.

## 2. ТАРТИБИ ЭЪТИРОФ НАМУДАНИ ҚАРЗҲОИ АНДОЗИ МУШКИЛСИТОН

4. Бо мақсади мушкилситон эътироф намудани маблағи қарзи андозҳои андозсупорандагон дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кумитаи андоз) комиссия оид ба эътироф намудани қарзҳои андози мушкилситон (минбаъд – комиссия) таъсис дода мешавад.

5. Комиссия бо фармоиши раиси Кумитаи андоз дар ҳайати на камтар аз 7 нафар аъзо таъсис дода шуда, раисии он ба зиммаи муовини раиси Кумитаи андоз ва котибӣ ба зиммаи корманди раёсати дахлдор оид ба масъалаи ситонидани қарзҳои андоз вогузор карда мешаванд.

6. Аъзои комиссия аз ҳисоби сардорони сарраёсат ва раёсатҳои дахлдор интихоб карда шуда, ба он корманди раёсати дахлдор оид ба масъалаи ситонидани қарзҳои андоз шомил буда наметавонад.

7. Мақомоти андоз қарзҳои андозии андозсупорандагоне, ки бо асосҳои зерин дар муҳлатҳои муқарраршуда пардохт карда нашудаанд, мушкилситон эътироф менамояд:

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ муфлис эътироф шудани андозсупоранда – то аз эътибор соқит намудани қарз;

- фавти шахси воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ ё роҳбар ва (ё) муассиси ягонаи шахси ҳуқуқӣ), тибқи санади судӣ фавтида эълон шудан, бедарак ғоиб ё ғайриқобили амал эътироф шудани шахси воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ, роҳбар ва (ё) муассиси ягона ё муассисони шахси ҳуқуқӣ)-е, ки ворис (ворисон)-и ҳуқуқӣ надорад ва (ё) ворис (ворисон)-и ӯ аз ҳуқуқ ба мерос даст кашидааст ва шахси ҳуқуқӣ молу мулк надошта бошад – то аз эътибор соқит намудани қарз;

- тибқи талаботи моддаи 123 Кодекси андоз гузаштани муҳлати даъво – то аз эътибор соқит намудани қарз;

- дар кофтукови ҷиноятӣ ё дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ қарор доштани шахси воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ ё роҳбар ва (ё) муассиси шахси ҳуқуқӣ) - то лаҳзаи қатъ шудани кофтукови ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё то анҷом ёфтани муҳлати ҷазои ҷиноятӣ;

- офатҳои табиӣ (заминларза, обхезӣ), ҳолатҳои фавқулода (эпидемия ва пандемия) ва ҳолатҳои дигари шабеҳ, ки пардохти қарзи андозро ғайриимкон менамоянд – то аз эътибор соқит намудани қарз;

- ҷой доштани аломатҳои муфлисшавӣ ва (ё) пурра аз фаъолият бозмондани андозсупорандагони қарздор, инчунин зиёда аз 6 моҳ аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ нагардидани субъектҳое, ки пардохти андозҳои онҳо аз маблағгузории буҷетӣ вобаста мебошад.

8. Асосҳое, ки боиси дар муҳлатҳои муқарраршуда пардохт карда нашудани қарзи андозҳои андозсупорандагон мегарданд, дар хулосаи мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии андозсупоранда асоснок карда мешаванд.

9. Вобаста ба мушкилситон эътироф намудани қарзи андозҳо аз ҷониби мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии андозсупоранда ба Кумитаи андоз ҳуҷҷатҳои зерин (парвандаи назоратӣ) дар шакли хаттӣ ва (ё) электронӣ пешниҳод карда мешаванд:

1) дар сурати бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ муфлис эътироф шудани андозсупоранда:

- санади судӣ дар бораи ба истеҳсолоти суд қабул гардидани парванда оид ба муфлисшавӣ;

- ҳалномаи суд дар бораи муфлис эътироф намудани андозсупоранда;

- санади муқоисавӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои андоз;

- иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;

- нусхаи огоҳинома дар бораи пардохт намудани қарзи андозҳо, маълумотномаи нозироти андоз ва Корхонаи воҳиди давлатии «Бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул» (минбаъд – КВД «Бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул») оид ба надоштани молу мулки ғайриманқул;

- хулосаи мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии андозсупоранда дар хусуси мушкилситон эътироф намудани маблағи қарзи андозҳо;

2) дар сурати фавтидани шахси воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ, роҳбар ва (ё) муассиси ягонаи шахси ҳуқуқӣ), тибқи санади судӣ фавтида эълон шудан, бедарак ғоиб ё ғайриқобили амал эътироф гардидани шахси воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ, роҳбар ва (ё) муассиси ягона ё муассисони шахси ҳуқуқӣ)-е, ки

ворис (ворисон)-и ҳуқуқӣ надорад ва (ё) ворис (ворисон)-и ӯ аз ҳуқуқ ба мерос даст кашидааст:

- нусхаи шаҳодатномаи вафоти шахси воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ ва (ё) муассиси ягонаи шахси ҳуқуқӣ);

- санади судӣ дар бораи фавтида эълон шудан, бедарак ғоиб ё ғайриқобили амал эътироф шудани шахси воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ ва (ё) муассиси ягонаи шахси ҳуқуқӣ);

- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи мавҷуд набудани ворис (ворисон)-и ҳуқуқӣ, меросхӯрон ва (ё) даст кашидан аз мерос;

- санади муқоисавӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои андоз;

- иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;

- нусхаи огоҳинома дар бораи пардохт намудани қарзи андозҳо, маълумотномаи нозироти андоз ва КВД «Бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул» оид ба надоштани молу мулки ғайриманқул;

- хулосаи мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии андозсупоранда дар хусуси мушкилситон эътироф намудани қарзи андозҳо;

3) дар ҳолати тибқи талаботи моддаи 123 Кодекси андоз гузаштани муҳлати даъво аз рӯйи уҳдадории андоз:

- санади муқоисавӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои андоз на кам аз 5 соли охир;

- иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;

- нусхаи огоҳинома дар бораи пардохт намудани қарзи андозҳо, нусхаи қарорҳои мақомоти андоз оид ба татбиқи усулҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ва чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозӣ, маълумотномаи нозироти андоз ва КВД «Бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул» оид ба надоштани молу мулки ғайриманқул;

- хулосаи мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии андозсупоранда дар хусуси мушкилситон эътироф намудани қарзи андозҳо;

4) ҳангоми дар кофтукови ҷиноятӣ ё дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ қарор доштани шахси воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ, роҳбар ва (ё) муассис (муассисон)-и шахси ҳуқуқӣ):

- иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;

- санади муқоисавӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои андоз;

- санад (қарор)-и мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оиди дар кофтукови ҷиноятӣ қарор доштани шахси воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ, роҳбар ва муассис

(муассисон)-и шахси ҳуқуқӣ) ва (ё) маълумотнома аз бюрои суроғавӣ-маълумотдиҳии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- нусхаи санади судӣ (ҳукм) оид ба маҳрум сохтан аз озодӣ нисбати шахси воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ ё роҳбар ва (ё) муассис (муассисон)-и шахси ҳуқуқӣ);

- нусхаи огоҳинома дар бораи пардохт намудани қарзи андозҳо, нусхаи қарорҳои мақомоти андоз оид ба татбиқи усулҳои таъмини иҷрои ухдадориҳои андозӣ ва чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андоз, мактуби ташкилоти қарзии молиявӣ ва (ё) нозироти андоз оид ба надоштани суратҳисоби бонкӣ ё қатъ гардидани он, маълумотномаи КВД «Бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул» оид ба надоштани молу мулки ғайриманқул;

- хулосаи мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии андозсупоранда дар хусуси мушкилситон эътироф намудани қарзи андозҳо;

5) ҳангоми офатҳои табиӣ (заминларза, обхезӣ), ҳолатҳои фавқулода (эпидемия ва пандемия) ва ҳолатҳои дигари шабеҳ, ки пардохти қарзи андозро ғайриимкон менамоянд - то аз эътибор соқит намудани қарз:

- аризаи андозсупоранда;

- иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;

- санади муқоисавӣ оид ба иҷрои ухдадориҳои андоз;

- хулосаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар бораи ҳодисаи офатҳои табиӣ (заминларза, обхезӣ) ва фавқулода (эпидемия ва пандемия), инчунин ҳолатҳои дигари шабеҳ;

- хулосаи мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии андозсупоранда дар хусуси мушкилситон эътироф намудани маблағи қарзи андозҳо;

6) ҳангоми ҷой доштани аломатҳои муфлисшавӣ ва (ё) пурра аз фаъолият бозмондани андозсупорандагони қарздор, инчунин дар ҳолати зиёда аз 6 моҳ аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ нагардидани субъектҳое, ки пардохти андозҳои онҳо аз маблағгузории буҷетӣ вобаста мебошад:

- иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;

- санади муқоисавӣ оид ба иҷрои ухдадориҳои андоз;

- нусхаи огоҳинома дар бораи пардохт намудани қарзи андозҳо, нусхаи қарорҳои мақомоти андоз оид ба татбиқи усулҳои таъмини иҷрои ухдадориҳои андозӣ ва чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозӣ, мактуби ташкилоти қарзии молиявӣ ва (ё) нозироти андоз оид ба надоштани суратҳисоби бонкӣ ё қатъ гардидани он, маълумотномаи КВД

«Бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул» оид ба надоштани молу мулки ғайриманқул;

- маълумотнома аз бюрои суроғавӣ-маълумотдиҳии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди суроғаи истиқомати соҳибкори инфиродӣ, роҳбар ва (ё) муассис (муассисон)-и шахси ҳуқуқӣ;

- хулосаи мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии андозсупоранда дар хусуси мушкилситон эътироф намудани маблағи қарзи андозҳо.

## 3. ТАРТИБИ КОРИ КОМИССИЯ ОИД БА ҚАРЗҲОИ АНДОЗИИ МУШКИЛСИТОН

10. Комиссия мақоми машваратӣ ва мустақил буда, қарор қабул намекунад ва вазифаи он тибқи талаботи Тартиби мазкур ба раиси Кумитаи андоз пешниҳод намудани хулосаҳои машваратӣ оид ба масъалаҳои мушкилситон эътироф намудани қарзи андозҳо мебошад.

11. Ҳуҷҷатҳо (парвандаи назоратӣ) вобаста ба мушкилситон эътироф намудани қарзи андозҳо ба сарраёсат ва раёсатҳои дар банди 22 Тартиби мазкур пешбинигардида пешниҳод карда шуда, аз ҷониби онҳо дар муҳлати то 10 рӯзи корӣ баррасӣ ва ба комиссия ҳуҷҷатҳои асоснок пешниҳод карда мешаванд.

12. Комиссия дар асоси ҳуҷҷатҳои асосноки пешниҳодгардида барои мушкилситон эътироф намудани қарзҳои андозӣ ба раиси Кумитаи андоз дар муҳлати 8 рӯзи корӣ тибқи шакли замимаҳои 1-5 ба Тартиби мазкур хулоса пешниҳод менамояд.

13. Дар хулосаи комиссия далелҳои асоснок мутобиқ ба банди 7 Тартиби мазкур ба инобат гирифта шуда, дар ҳама ҳолат хулоса бо дар назар доштани арзёбии ҳолати молиявии андозсупоранда, дороиҳо ва уҳдадориҳои дигари ӯ қабул карда мешавад.

14. Дар асоси хулосаи комиссия дар муҳлати на дертар аз 2 рӯзи корӣ аз ҷониби котиб тибқи шакли замимаҳои 6-10 ба Тартиби мазкур қарор дар бораи мушкилситон эътироф намудани қарзҳои андозии дар банди 7 Тартиби мазкур пешбинишуда омода гардида, ба раиси Кумитаи андоз пешниҳод карда мешавад.

15. Аз лаҳзаи ба имзо расондани қарор дар бораи мушкилситон эътироф намудани қарзи андозҳои дар банди 7 Тартиби мазкур пешбинишуда, қарзи мазкур ҳамчун қарзи андози мушкилситон дар алоҳидагӣ дар барномаи Системаи ҳамгироии иттилоотии андози Кумитаи андоз (минбаъд - СҲИА) дар ҳисобварақаи шахсӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

16. Хулосаи комиссия ва қарорҳои раиси Кумитаи андоз дар китоби алоҳида ба қайд гирифта шуда, нигоҳдории парвандаҳои назоратӣ нисбати қарзи андозҳои мушкилситон ба зиммаи раёсати дахлдор оид ба масъалаи ситонидани қарзҳои андоз вогузор карда мешавад.

## 4. БАҲИСОБГИРИИ АЛОҲИДАИ ҚАРЗҲОИ АНДОЗИИ МУШКИЛСИТОН

17. Дар барномаи СҲИА ҳамчун қарзҳои андози мушкилситон ва ба ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда ворид намудани қарзҳои дар банди 7 Тартиби мазкур нишондодашуда дар асоси қарори раиси Кумитаи андоз амалӣ карда мешавад.

18. Баҳисобгирии маблағи қарзҳои андози мушкилситон эътирофшуда дар алоҳидагӣ тавассути модули «Идоракунии қарзҳои андози мушкилситон»-и барномаи СҲИА аз ҷониби мақомоти андоз ба роҳ монда мешавад.

19. Ворид намудани маълумотҳо оид ба маблағи қарзҳои андози дар банди 7 Тартиби мазкур пешбинишуда ба модули «Идоракунии қарзҳои андози мушкилситон» бо мақсади минбаъд назорат намудани онҳо ва ҷамъ овардани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (парвандаи андозсупоранда) аз ҷониби сарраёсат ва раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, раёсатҳои андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва раёсати андози андозсупорандагони калон бо тартиби зерин муқаррар карда мешаванд:

- маблағи қарзи андозҳои дар зербандҳои 3) ва 5) банди 7 Тартиби мазкур пешбинишуда - аз ҷониби сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо;
- маблағи қарзи андозҳои дар зербандҳои 1) ва 4) банди 7 Тартиби мазкур пешбинишуда - аз ҷониби раёсати таъмини ҳуқуқӣ;
- маблағи қарзи андозҳои дар зербандҳои 2) ва 6) банди 7 Тартиби мазкур пешбинишуда - аз ҷониби раёсати ситонидани қарзи андозҳо.

20. Маблағи қарзҳои андози мушкилситон бо тартиби муқарраршуда аз ҷониби сарраёсатҳо ва раёсатҳои дахлдори Кумитаи андоз ба модули «Идоракунии қарзҳои андози мушкилситон» ворид карда шуда, назорати иҷрои минбаъдаи онҳо аз ҷониби ҳамин сохтор амалӣ карда мешавад.

21. Маблағи қарзҳои андози мушкилситоне, ки муҳлати даъвои онҳо гузаштааст, ҳамасола то санаи 20-уми январи соли минбаъда дар асоси хулосаи комиссия ва қарори раиси Кумитаи андоз ба модули «Идоракунии қарзҳои андози мушкилситон» ба таври автоматӣ ворид карда мешавад.

22. Ҳангоми тавассути барномаи СҲИА дар ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда ҳамчун қарзҳои андози мушкилситон ба ҳисоб гирифтани маблағи қарзи андозҳои дар банди 7 Тартиби мазкур пешбинишуда, аз санаи

қабули қарор оид ба мушкилситон эътироф намудани қарзи андоз то лаҳзаи пардохт ва (ё) аз рӯйхати қарзҳои андози мушкилситон хориҷ гардидани онҳо тибқи муқаррароти сархати шашуми қисми 10 моддаи 139 Кодекси андоз нисбати чунин қарзи андозҳо фоизҳо ҳисоб карда намешаванд.

23. Дар барномаи СҲИА нисбати андозсупорандагони маблағи қарзи андозҳояшон мушкилситон эътирофшуда, ҳисобварақа ва санади муқоисавӣ бо назардошти қарзҳои андози мушкилситон эътирофшуда ташаккул дода мешаванд.

24. Тибқи талаботи моддаи 131 Кодекси андоз ва Тартиби мазкур баъд аз қабули қарори дахлдор оид ба беэътимод эътироф ва аз эътибор соқит намудани маблағи қарзи андозҳои дар зербандҳои 1), 2), 3) ва 5) банди 7 Тартиби мазкур пешбинишуда, сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо қарзҳои мазкурро аз ҳисобварақаи андозсупорандагон ва модули «Идоракунии қарзҳои андози мушкилситон» хориҷ менамояд.

25. Қарзҳои андози мушкилситони дар зербандҳои 4) ва 6) банди 7 Тартиби мазкур нишондодашуда, аз лаҳзаи пардохт ва (ё) бартараф гардидани шартҳои зикршуда аз модули «Идоракунии қарзҳои андози мушкилситон» бидуни қабули қарори иловагӣ хориҷ карда мешаванд.

## 5. ШАРТҲОИ МАХСУС БАРОИ ИҶРОИ УҲДАДОРИҲОИ АНДОЗӢ

26. Мақомоти андоз барои иҷрои уҳдадориҳои андозӣ чунин шартҳои махсусро амалӣ менамояд:

- тибқи моддаи 133 Кодекси андоз ба андозсупоранда огоҳинома оид ба пардохти қарзи андоз ирсол менамояд;

- нисбат ба андозсупоранда усулҳои таъмини иҷрои уҳдадории андозии муқаррарнамудаи бандҳои 3) ва 5) - 9) қисми 1 моддаи 136 Кодекси андозро истифода менамояд, агар андозсупоранда қарзи андозро дар давоми 20 рӯзи корӣ пас аз гирифтани огоҳинома оид ба пардохти андоз пардохт накарда бошад.

27. Мақомоти андоз уҳдадор мебошад новобаста ба мушкилситон эътироф гардидани қарзи андоз ва муваққатан дар алоҳидагӣ ба ҳисоб гирифтани он тибқи талаботи Кодекси андоз ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати рӯёнидани қарзҳои андози мушкилситон эътирофшуда тибқи талаботи бобҳои 16-18 Кодекси андоз чораҷӯӣ намояд.

## 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

28. Назорати иҷрои муқаррароти Тартиби мазкур аз ҷониби мақомоти андоз амалӣ карда мешавад.

29. Андозсупорандагон (агентҳои андоз), намояндагони онҳо ва шахсони мансабдор, инчунин кормандони мақомоти андоз барои риоя накардани муқаррароти Тартиби мазкур тибқи Кодекси андоз ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошанд.

Замимаи №1
ба Тартиби пешбурд ва шартҳои махсус
барои иҷрои уҳдадориҳои андозие, ки дар
муҳлатҳои муқарраршуда иҷро нашудаанд

# ХУЛОСАИ КОМИССИЯ ОИД БА ҚАРЗҲОИ АНДОЗИИ МУШКИЛСИТОН

«___» ________ соли 20___ №______

______________________________, ки тибқи ҳалномаи суди____________________
(номи пурраи андозсупоранда) (номи пурраи мақомоти судӣ)

аз «___» ______ соли ______ бо парвандаи № _____ муфлис эътироф шудааст,

ҳамчун андозсупоранда бо РМА ______________________________________
дар____________________________________ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.
(нозирот (раёсат)-и андоз дар шаҳр, вилоят ё ноҳия)

Тибқи иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ________________________ санаи ___________________
(номи пурраи андозсупоранда) (рӯз, моҳ ва сол)
дар суроғаи ______________________________ ба қайди давлатӣ гирифта шуда,
(дар шаҳр, вилоят ё ноҳия, кӯча ва хона)
фаъолияти он __________________________ мебошад.
(намуди фаъолият тибқи иқтибос)

Мутобиқи хулосаи нозироти андози ______________________________________
(нозирот (раёсат)-и андоз дар шаҳр, вилоят ё ноҳия)
ва парвандаи назоратӣ оид ба мушкилситон эътироф намудани қарзи андозӣ, масъалаи дар алоҳидагӣ ба ҳисоб гирифтани маблағи қарзи андозҳои ________________________________________________________________________
(номи пурраи андозсупоранда)
аз ҷониби комиссия оид ба қарзҳои андозии мушкилситон баррасӣ карда шуд.

Муайян карда шуд, ки ____________________________ дар асоси ҳалномаи
(номи пурраи андозсупоранда)
суди ______________________ аз «___» _____ соли ___ бо парвандаи № ____
(номи пурраи мақомоти судӣ)
муфлис эътироф шудааст.

Тибқи санади муқоисавӣ қарзҳои андозии ____________________________
(номи пуррраи андозсупоранда)
ба санаи «___» ______ соли 20__ дар назди буҷети давлатӣ дар маҷмуъ маблағи __________________ сомониро ташкил менамояд. Аз ҷумла
(маблағ бо рақам ва ҳарф)

| Намуди андоз | Бақияи қарзи андоз | Аз ҷумла | |
|---|---|---|---|
| | | Андозҳо | Фоиз ва ҷарима |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | | | |

Тибқи муқаррароти сархати шашуми қисми 10 моддаи 139 Кодекси андоз нисбат ба маблағи қарзҳои андозии мушкилситон аз санаи қабули қарор оид ба шомил намудани қарз ба чунин гурӯҳ, фоизҳо ҳисоб карда намешаванд.

Бо дар назар доштани ҳолатҳои зикршуда комиссия оид ба қарзҳои андозии мушкилситон ба хулоса омад, ки маблағи бақияи қарзи андозҳои ______________________ дар ҳаҷми _________сомонӣ, аз ҷумла _______ сомонӣ
(номи пурраи андозсупоранда)
қарзҳои асосӣ, _______ сомонӣ ҷарима ва фоизҳои нисбати он ҳисобшуда ба талаботи қисми 4 моддаи 106 ва сархати шашуми қисми 10 моддаи 139 Кодекси андоз мутобиқ буда, аз санаи «___» ______ соли ______ ҳамчун қарзҳои андози мушкилситон эътироф гардида, то аз эътибор соқит намудани қарзи андоз, дар мақомоти андоз дар алоҳидагӣ ба ҳисоб гирифта шавад.

Раиси комиссия ___________ _______________
(мансаб) (имзо) (ному насаб)

Аъзои комиссия

___________ _______________ _____________
(мансаб) (имзо) (ному насаб)

___________ _______________ _____________
(мансаб) (имзо) (ному насаб)

___________ _______________ _____________
(мансаб) (имзо) (ному насаб)

___________ _______________ _____________
(мансаб) (имзо) (ному насаб)

Замимаи №2
ба Тартиби пешбурд ва шартҳои махсус
барои иҷрои ухдадориҳои андозие, ки дар
муҳлатҳои муқарраршуда иҷро нашудаанд

# ХУЛОСАИ КОМИССИЯ ОИД БА ҚАРЗҲОИ АНДОЗИИ МУШКИЛСИТОН

«___» ________ соли 20___ №______

_____________________________________________________________________________,
(номи пурраи шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, роҳбар ва муассиси ягонаи ҷамъият)
ҳамчун андозсупоранда бо РМА____________________________ дар ____________________________________ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.
(нозирот (раёсат)-и андоз дар шаҳр, вилоят ё ноҳия)

Тибқи иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ______________________________________________
(номи пурраи шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, роҳбар ва муассиси ягонаи ҷамъият)
санаи _________ дар суроғаи ___________________________ ба қайди давлатӣ
(рӯз , моҳ ва сол) (дар шаҳр, вилоят ё ноҳия, кӯча ва хона)
гирифта шуда, фаъолияти он ______________________ мебошад.
(намуди фаъолият тибқи иқтибос)

Мутобиқи хулосаи ____________________________________ ва парвандаи
(нозирот (раёсат)-и андоз дар шаҳр, вилоят ё ноҳия)
назоратӣ оид ба мушкилситон эътироф намудани қарзи андозӣ, масъалаи дар алоҳидагӣ ба ҳисоб гирифтани маблағи қарзи андозҳои ____________________________________________________________________ аз
(номи пурраи шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, роҳбар ва муассиси ягонаи ҷамъият)
ҷониби комиссия оид ба қарзҳои андозии мушкилситон ) баррасӣ карда шуд.

Муайян карда шуд, ки _____________________________________________
(номи пурраи шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, роҳбар ва муассиси ягонаи ҷамъият)
дар асоси шаҳодатномаи вафот аз «___» _____ соли ___, № ____ (тибқи санади судӣ аз «___» _____ соли ___, № ____ шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, роҳбар ва муассиси ягонаи ҷамъият ________________________ фавтида, бедарак ғоиб ё
(ном, насаб ва номи падар)
ғайриқобили амал эътироф шудааст) вафот намудааст.

Тибқи санади муқоисавӣ қарзҳои андозии ______________________________________________________________ ба санаи «___» ______ соли 20__ дар назди буҷети давлатӣ дар маҷмуъ маблағи __________________ сомониро ташкил менамояд. Аз ҷумла
(номи пурраи шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, роҳбар ва муассиси ягонаи ҷамъият)
(маблағ бо рақам ва ҳарф)

| Намуди андоз | Бақияи қарзи андоз | Аз ҷумла | |
|---|---|---|---|
| | | Андозҳо | Фоиз ва ҷарима |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| Ҳамагӣ | | | |

Тибқи муқаррароти сархати шашуми қисми 10 моддаи 139 Кодекси андоз нисбат ба маблағи қарзҳои андозии мушкилситон аз санаи қабули қарор оид ба шомил намудани қарз ба чунин гурӯҳ, фоизҳо ҳисоб карда намешаванд.

Бо дар назар доштани ҳолатҳои зикршуда, комиссия оид ба қарзҳои андозии мушкилситон ба хулоса омад, ки маблағи бақияи қарзи андозҳои ____________________________________________________ дар ҳаҷми ______
(номи пурраи шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, роҳбар ва муассиси ягонаи ҷамъият)
сомонӣ, аз ҷумла _______ сомонӣ қарзҳои асосӣ, _______ сомонӣ ҷарима ва фоизҳои нисбати он ҳисобшуда ба талаботи қисми 4 моддаи 106 ва сархати шашуми қисми 10 моддаи 139 Кодекси андоз мутобиқ буда, аз санаи «___» ______ соли ______ ҳамчун қарзҳои андозӣ мушкилситон эътироф гардида, то аз эътибор соқит намудани қарзи андоз, дар мақомоти андоз дар алоҳидагӣ ба ҳисоб гирифта шавад.

| | | |
|---|---|---|
| Раиси комиссия<br>(мансаб) | ___________<br>(имзо) | _______________<br>(ному насаб) |
| Аъзои комиссия | | |
| __________<br>(мансаб) | ___________<br>(имзо) | _______________<br>(ному насаб) |
| __________<br>(мансаб) | ___________<br>(имзо) | _______________<br>(ному насаб) |
| __________<br>(мансаб) | ___________<br>(имзо) | _______________<br>(ному насаб) |
| __________<br>(мансаб) | ___________<br>(имзо) | _______________<br>(ному насаб) |

Замимаи № 3
ба Тартиби пешбурд ва шартҳои махсус
барои иҷрои уҳдадориҳои андозие, ки дар
муҳлатҳои муқарраршуда иҷро нашудаанд

# ХУЛОСАИ КОМИССИЯ ОИД БА ҚАРЗҲОИ АНДОЗИИ МУШКИЛСИТОН

«___» ________ соли 20___ №______

Тибқи махзани маълумоти Кумитаи андоз маблағи бақияи қарзи андозҳое, ки то 1 январи соли 20____ ба вуҷуд омада, то ҳол пардохт нагардидаанд ва ҷаримаю фоизҳое, ки барои сари вақт напардохтани ин андозҳо ҳисоб карда шудаанд, дар маҷмуъ _______ сомониро ташкил медиҳад, аз ҷумла маблағи қарзи андозҳо ______ сомонӣ ва ҷаримаю фоизҳои ҳисобшудаи онҳо _______ сомонӣ мебошад.

Бақияи қарзи андозҳои андозсупорандагон, ки муҳлати даъвояшон гузаштааст ба ҳолати 31 декабри соли 20____ маблағи _________________________
(маблағ бо рақам ва ҳарф)
сомониро ташкил менамояд. Аз ҷумла

| Номгӯйи андозҳо | Бақияи қарзи андоз | Маблағи фоиз ва ҷаримаҳои онҳо |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| Ҳамагӣ | | |

Бояд қайд намуд, ки нисбати андозсупорандагон дар асоси муқаррароти бобҳои 17 - 18 Кодекси андоз усулҳои таъмини иҷрои уҳдадории андозӣ ва чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозӣ татбиқ гардида, новобаста ба ин, маблағи бақияи қарзи зикргардида то имрӯз ба буҷет пардохт карда нашудааст.

Тибқи муқаррароти сархати шашуми қисми 10 моддаи 139 Кодекси андоз нисбат ба маблағи қарзҳои мушкилситон аз санаи қабули қарор оид ба шомил намудани қарз ба чунин гурӯҳ, фоизҳо ҳисоб карда намешаванд.

Бо дар назар доштани ҳолатҳои зикршуда, комиссия оид ба қарзҳои андозии мушкилситон ба хулоса омад, ки маблағи ___________ сомонӣ қарзи андозҳо, ҷарима ва фоизҳои ҳисобшудаи андозсупорандагон, ки то санаи 1 январи соли 20____ ба вуҷуд омада, ба талаботи қисми 4 моддаи 106 ва сархати шашуми қисми 10 моддаи 139 Кодекси андоз мутобиқ буда, аз санаи «___» ______ соли ______ ҳамчун қарзҳои андози мушкилситон эътироф гардида, то аз эътибор соқит намудани қарзи андозҳо, дар мақомоти андоз дар алоҳидагӣ ба ҳисоб гирифта шаванд.

(Рӯйхати андозсупорандагон ва маблағи бақияи қарзи андозҳое, ки то 1 январи соли 20___ ба вуҷуд омада, тибқи талаботи қонунгузории андоз

муҳлати даъво вобаста ба ситонидани онҳо ба охир расидааст, замима карда мешавад).

| | | |
|---|---|---|
| Раиси комиссия | _____________ | __________________ |
| (мансаб) | (имзо) | (ному насаб) |
| Аъзои комиссия | | |
| __________ | _____________ | __________________ |
| (мансаб) | (имзо) | (ному насаб) |
| __________ | _____________ | __________________ |
| (мансаб) | (имзо) | (ному насаб) |
| __________ | _____________ | __________________ |
| (мансаб) | (имзо) | (ному насаб) |
| __________ | _____________ | __________________ |
| (мансаб) | (имзо) | (ному насаб) |

Замимаи №4
ба Тартиби пешбурд ва шартҳои махсус
барои иҷрои ӯҳдадориҳои андозие, ки дар
муҳлатҳои муқарраршуда иҷро нашудаанд

# ХУЛОСАИ КОМИССИЯ ОИД БА ҚАРЗҲОИ АНДОЗИИ МУШКИЛСИТОН

«___» ________ соли 20___ №______

______________________________, ҳамчун андозсупоранда бо РМА _____________
(номи пурраи андозсупоранда)
дар______________________________________ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.
(нозирот (раёсат)-и андоз дар шаҳр, вилоят ё ноҳия)

Тибқи иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ _________________________ санаи ____________________
(номи пурраи андозсупоранда) (рӯз, моҳ ва сол)
дар суроғаи _________________________________ ба қайди давлатӣ гирифта шуда,
(дар шаҳр, вилоят ё ноҳия, кӯча ва хона)
фаъолияти он ____________________________ мебошад.
(намуди фаъолият тибқи иқтибос)

Мутобиқи хулосаи нозироти андози ______________________________________
(нозирот (раёсат)-и андоз дар шаҳр, вилоят ё ноҳия)
ва парвандаи назоратӣ оид ба мушкилситон эътироф намудани қарзи андозӣ, масъалаи дар алоҳидагӣ ба ҳисоб гирифтани маблағи қарзи андозҳои ________________________ аз ҷониби комиссия оид ба қарзҳои андозии
(номи пурраи андозсупоранда)
мушкилситон баррасӣ карда шуд.

Муайян карда шуд, ки қарздории ____________________________ дар асоси
(номи пурраи андозсупоранда)
эъломияҳои андози ба ______________________________________ пешниҳоднамуда
(нозирот (раёсат)-и андоз дар шаҳр, вилоят ё ноҳия)
(аз ҳисоби гузарондани корҳои назоратии мақомоти андоз) ба вуҷуд омадааст.

Бо мақсади пардохт намудани маблағи қарзи андозӣ тибқи муқаррароти моддаи 133 Кодекси андоз ба ___________________________ аз «___» ______ соли
(номи пурраи андозсупоранда)
______, №___ огоҳинома фиристода шудааст, вале талаботи огоҳиномаи ирсолгардида аз ҷониби андозсупоранда иҷро карда нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки бинобар сабаби аз ҷониби ________________________
(номи пурраи андозсупоранда)
ихтиёран иҷро нагардидани ӯҳдадории пардохти қарзи андозӣ аз ҷониби мақомоти андоз қарорҳо ва (ё) қарор аз «___» ______ соли ______, №___ дар бораи _____________________________ қабул карда шуда, барои таъмини иҷро ба
(номи пурраи қарор)
ташкилотҳои қарзии молиявии хизматрасон ва андозсупоранда ирсол карда шудааст.

(Ҳамзамон, бинобар сабаби дар кофтукови ҷиноятӣ ё дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ қарор доштани шахси воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ ё роҳбар ва (ё) муассиси шахси ҳуқуқӣ), ҳангоми ҷой доштани аломатҳои муфлисшавӣ ва (ё) пурра аз

